**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)**

## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи “Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат).**

Дар шароити муосири муносибатҳои иқтисодӣ мотиватсия ҷиҳати ташаккули раванди идоракунӣ ва баландгардонии ҳосилнокии меҳнати кормандон дар тамоми шаклҳои фаъолият, алалхусус фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун методи ҳавасмандгардонӣ нақши асосӣ мебозад. Мотиватсия ин фаъолиятест, ки барои бедорсозии қобилиятнокии кормандон ва расидан ба мақсадҳои гузоштошуда равона гардида, он ба воситаи ҳавасмандсозии меҳнат, амалӣ гардонида мешавад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди мотиватсионӣ дар фаъолияти меҳнатии кормандон бештар дар шакли моддӣ амалӣ гардонида мешавад, чунки кормандон бештар бо ҳамин намуди мотиватсия талаботи инфиродиашонро қонеъ месозанд ва худ талаби онро доранд.

Тамоюлҳои муосири рушд нишон медиҳанд, ки самаранокии идоракунии ин ё он объект ҳамон вақт мушоҳида мегардад, ки агар дар асоси донистани талабот ва қонуниятҳои рафтори гурӯҳҳо ва ашхоси алоҳида натиҷаи фаъолияти кории одамон рӯз то рӯз беҳтар гардонида шавад. Барои ин ташкили муҳити кории мувофиқ, баланд бардоштани ҳавасмандии коргарон ва монанди инҳо шартҳои муҳим дар раванди такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ арзёбӣ мегарданд.

Дар автореферати диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва амалии такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои

таҳсилоти олии касбӣ инъикос ёфтааст, ки дар шароити кунунии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят муҳим мебошад.

Қайд гардидааст, ки дар шароити кунунӣ рақобатпазирии механизми мотиватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва сифати хизматрасонии таълимии пешниҳоднамудаи онҳо тавассути иқтидори кадрии низоми маорифи мамлакат муайян карда мешавад. Иқтидори кадрӣ қобилияти муассисаҳои таълимӣ, донишгоҳҳо ва донишкадаҳоро тавсиф менамояд, ки ба ҳалли масъалаҳои ташаккулёбии инноватсионии таълим дар асоси ахлоқи ҳамида, қобилияти ақлонӣ, салоҳият, маҳорат, фаъолияти касбӣ ва сифати иҷрои корҳо равона гардидааст (саҳ.10).

Муаллиф дар расми 1 ба таҳқиқи таъсири мутақобилаи омилҳо ба воситаҳо ва усулҳои дар раванди мотиватсионӣ амалишаванда таваҷҷуҳ намуда, қайд менамояд, ки музди меҳнат дар ҳама давру замон ягона сарчашма ва даромади кормандон дар ҳама давру замон буда, инчунин омили асосии ҳавасмандгардонӣ боқӣ мемонад. Тамоми саъю кӯшиши фикронӣ ва ҷисмонии омӯзгорон ба гирифтани музди меҳнат нигаронида шуда, инчунин натиҷаи меҳнат аз андозаи музди меҳнат низ вобаста аст. Омили дигари мотиватсионӣ ҳавасмандгардонии маънавӣ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки коргароне, ки музди кориашон аз даромади миёнаи аҳолӣ зиёд аст, ба омили маънавӣ ва мотиватсионӣ бештар диққат медиҳанд (саҳ.11-12).

Дар ҷадвали 1 муаллиф динамикаи нишондиҳандаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, мусбӣ арзёбӣ намудааст. Ба ақидаи муаллиф омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар баробари тайёр намудани мутахассисон, инчунин ба корҳои илмию тадқиқотӣ машғуланд ва ба корҳои амалӣ-соҳавӣ пайваста фаъолият мекунанд. Дар асоси бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ хизматрасониҳои илмиро низ пешниҳод менамоянд (саҳ.15).

Дар ҷадвали 3 муаллиф оид ба масъалаи таъминоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бо кадрҳои дорои дараҷаи илмӣ таҳлил гузаронида, ин тамоюлро хуб арзёбӣ менамояд (саҳ.17).

Дар баробари ҳаммаи ин комёбиҳо ба назари мо автореферат дорои якчанд норасоиҳо низ мебошад, аз он ҷумла:

1. Дар автореферат асоснок нагардидааст, ки истифодаи тавсияҳои диссертатсия дар амал барои такмили механизми

мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чӣ натиҷаҳои мусбӣ меорад.

2. Аз натиҷаи таҳқиқот муайян намудан душвор аст, ки вазъи имрӯзаи механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат дар кадом сатҳ қарор дорад.

Дар маҷмуъ норасоиҳои ошкоршуда, сифати аслии таҳқиқоти анҷомдодашударо коста намегардонад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи "Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", кори илмии анҷомдодашуда арзёбӣ гардида, ба талаботҳои бандҳои шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) мутобиқат карда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**мудири кафедраи менеҷмент**
**ва маркетинги Донишгоҳи славянии**
**Россия ва Тоҷикистон,**
**н.и.и., дотсент** **Салиева Н.Ш.**

**Имзои Салиева Н.Ш.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо** **Раҳимов А.А.**

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ «РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ» УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ